**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Расулзода Рухсора дар мавзуи «Сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои асосии он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ.**

Забон воситаи асосии ташаккулёбии ҳувияти гурӯҳӣ ва меъёри асосии худшиносӣ ба шумор рафта, ҳамчун объекти муҳимтарини сиёсати давлатӣ мебошад. Дар раванди нави ҷаҳонишавӣ ва зери таъсири тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ қарор ёфтани рафтори одамон ва гуногунзабонии аксари кишварҳои олам боз ҳам фаъолияти онҳоро дигаргун карда истодааст. Дар чунин шароит забонӣ ва ҳамчун воситаи муошират мавқеи худро тағйир дода, ба сифати яке аз масъалаҳои асосӣ миёни пажӯҳишгарону олимони соҳаҳои гуногун муҳиммияти хоси илмӣ пайдо карда истодааст. Ҳамзамон, масъалаи сиёсати забон ва омӯзиши паҳлуҳои мухталифи он дар шароити соҳибистиқлолӣ хусусияти нав зоҳир карда истодааст.

Автореферати диссертатсияи Расулзода Рухсора мазмуни фишурдаи кори таҳқиқотии муаллифро пурра фарогир мебошад. Муаллиф тавонистааст, ки дар асоси ҷамъоварӣ ва таҳлилу баррасии маводи васеи илмӣ, аз манбаъҳои хориҷӣ, манбаъҳои ватанӣ масъаларо ба таври зарурӣ ҷамъбаст намояд ва пешниҳодҳою хулосабарориҳои муҳимро пешниҳод созад. Сохтори диссертатасия аз муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Мавзуи кори таҳқиқотӣ дар шароити соҳибистиқлолӣ мубрам буда, натиҷаи он баҳри татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти забони давлатӣ ва ба сифати маводи таълимӣ барои муассисаҳои олии касбӣ, пажӯҳишгоҳҳои илмӣ истифода намуд. Муаллифи диссертатсия Р. Расулзода навиштааст, ки "раванди ҷаҳонишавӣ ба мероси маънавии халқу миллатҳо таҳдид карда истодааст. Ягона роҳи ҳифзи ин мерос талоши ҳарчи бештар мустаҳкам намудани пояҳои муқаддасоти миллист, ки забони давлатӣ яке аз он шоҳсутунҳои муқаддасоти миллӣ ба ҳисоб меравад."

Масъалаи забон дар сиёсати давлатӣ пайваста қарор дошт, барои пешбурди сиёсати забон силсилаи қонуну қарорҳо, тадбирҳо андешида шуданд, кумита ва комиссияҳои кориву назоратӣ ташкил карда шуданд. Таҳлилҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки муҳиммияти пажӯҳиши сиёсати давлатии забон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти махсуси худро дорад. Бояд тазаккур дод, ки сиёсати давлатӣ чи гунае ки бошад, сиёсати забон низ дар алоқамандӣ бо он сурат мегирад. Таҷрибаи таърихии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бобати сиёсати забон ва рушди минбаъдаи самти мазкур дар шароити соҳибистиқлолӣ боз ҳам аҳамият ва нақши калидии мавзуи мазкурро муҳим арзёбӣ менамояд. Асоси назариявии тадқиқоти мазкурро асарҳои муаллифони ватанию хориҷӣ, ҳуҷҷатҳои сиёсӣ, санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва пажӯҳишҳои олимони соҳаҳои гуногуни илмҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла сиёсатшиносон, ки дар бораи сиёсати давлатии забонӣ таҳқиқотҳо анҷом додаанд, ташкил медиҳанд. Дар раванди таҳқиқот принсипҳои умумиилмӣ, ба монанди объективият, таърихият, системанокӣ, мантиқӣ, муқоисавӣ, таҳлилӣ ва инчунин усулҳои иҷтимоӣ – сиёсии таҳлили вазъи сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифтаанд. Дар ҷараёни таҳқиқот корҳои бунёдии олимони шинохтаи хориҷӣ ва ватанӣ, қонунҳо, барномаҳо ва стратегияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати забонӣ истифода шудааст. Инчунин асоси таҳлилу таҳқиқ аз асарҳо ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки дар он масъалаҳои марбут ба сиёсати забон ва дурнамои инкишофи забони давлатӣ дахл карда шудааст, сарчашма мегирад.

Ҳамаи давраҳои иҷроиши нақшаи кории илмӣ, таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудааст. Дар ҷараёни таҳқиқот муаллиф роҳҳои амалишавии сиёсати забонро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта, роҳҳои мукаммалгардонии механизмҳои танзими давлатии сиёсати забон ва дурнамои рушди онро дар Тоҷикистон таҳия намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар мақолаҳои илмӣ пешниҳод

намудааст. Баробар ба арзишҳои муҳими илмӣ дар автореферати диссертатсия хатогиҳои имлоиву техникӣ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо салоҳияти муаллиф аст.

Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқотҳои марбут ба кори диссертатсионӣ 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 маводҳои конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ нашр шудаанд.

Автореферати диссертатсия аз нигоҳи илм ғанӣ ва андешаҳои муаллиф мантиқан дуруст баён гардида, натиҷаҳо ҷамъбандӣ ва хулосабарорӣ шудаанд.

Автореферати диссертатсия ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он Расулзода Рухсора ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз,**
доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент
ректори Донишгоҳи давлатии
Хоруғ ба номи М.Назаршоев — Комилбек Амид Ёрбек

Имзои Комилбек Амид Ёрбекро
тасдиқ мекунам. Сардори Раёсати
кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси ДДХ ба номи М. Назаршоев — Н.С. Саидраҳмонов

РАЁСАТИ КАДРҲО, КОРГУЗОРӢ ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроғаи муқарриз:**
ш. Хоруғ, кӯчаи Ш.Шоҳтемур 109,
тел: 83522 2-45-79; 2-22-48;
факс: 2 -22-48; E-mail: ksu.khorog@mail.ru

11.06.2024